Варақаи иттилоотӣ

25 декабри соли 2017 ш . Душанбе

Омӯзиши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нимаи дуюми имрӯз дар Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ самтҳои асосии соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Тавре дар нишаст зикр гардид, дар Паём  оид ба мураккабиҳои ҷаҳони муосир, пайдоиши нишонаҳои марҳалаи нави “ҷанги сард”, васеъшавии ҷуғрофияи низоъҳо ва ноорамиҳо изҳори нигаронӣ карда, идомаи минбаъдаи ин ҳолат боиси амиқ гардидани таҳдиду хатарҳои сиёсиву иқтисодӣ, амниятӣ ва башариву фарҳангӣ дар минтақаҳои гуногуни олам арзёбӣ гардидааст.

Ҳамзамон, дар марҳалаи кунунӣ оид ба тадбирҳои муассири кишвари мо бо мақсади вокуниши саривақтӣ ба таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ дар раванди ташаккули иқтидори муносиби дохилӣ ва хориҷӣ, дар ин раванд зарурати ҳамгироии бештари ҷумҳурӣ бо ҷомеаи ҷаҳон ва минтақа, сохторҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин, муҳимияти роҳандозии ҳамкориҳои фарогир қайд карда шудааст.

Вобаста ба вазъияти мазкур дар Паём ҷонибдории кишвари мо аз низоми ҷаҳонии одилона, бидуни ҷангу низоъ, густариши ҳамкориву шарикии баробар ва судманди ҳамаи кишварҳои олам, таъмини амнияти ҷаҳониву минтақавӣ бо роҳи созишу муколамаи созанда бар асоси Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид изҳор гардид.

Дар нишасти мазкур вобаста ба татбиқи ташаббусҳои созандаи кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ва минтақавӣ вобаста ба масоили об, аз ҷумла соли 2018 доир намудани чорабиниҳои байналмилалии сатҳи баланд, расман оғоз шудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» ва баргузории чорабиниҳои дигари муҳим дар мамлкат тазаккур дода шуд.

Дар ин раванд, Пешвои миллат ҳимояи манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва амнияти Тоҷикистон, ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, эҷоди шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори кишвар ва таъмини бехатарии онро муҳим арзёбӣ намуда, ҳамзамон қайд карданд, ки бинобар афзоиши аҳаммияти дипломатияи иқтисодӣ дар заминаи таҳаввулоти босуръати геоиқтисодии замони муосир истифодаи муассир ва самараноки василаҳои дипломатияи иқтисодӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои милливу

давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Пешвои миллат қайд намуданд, ки соли ҷорӣ нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар дар сатҳи устувор нигоҳ дошта шуда, суръати рушди воқеии иқтисодиёт ба 7 фоиз ва ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 60 миллиард сомонӣ баробар гардид.Тибқи дурнамо дар се соли минбаъда ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ зиёда аз 30 фоиз афзоиш ёфта, то ба 82 миллиард сомонӣ расонида мешавад.Дар соли 2017 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ нисбат ба соли гузашта 12 фоиз ва дар муқоиса бо нишондиҳандаи пешбинишудаи барномавӣ 8 фоиз зиёд гардида, даромади пулии аҳолӣ 10 фоиз афзоиш ёфт.

Рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла саноат 21,5 фоиз, кишоварзӣ 7,2, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ беш аз 6, савдои чакана 6,6 ва хизматрасонии пулакӣ 1,8 фоиз таъмин гардида, таваррум дар сатҳи 6,3 фоиз нигоҳ дошта шуд.

Тавре дар Паём қайд гардидааст, тайи ду соли охир ба иқтисоди миллӣ аз ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ беш аз 22 миллиард сомонӣ равона ва аз худ карда шуда, 6 миллиард сомонии онро маблағи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ташкил намуд.

Аз ҷумла дар ин давра ҷиҳати амалӣ гардонидани 26 лоиҳа барои рушди инфрасохтори энергетикӣ, нақлиётӣ ва иҷтимоӣ 40 созишномаи қарзиву грантӣ ба маблағи 7 миллиард сомонӣ ба имзо расида, татбиқ шуда истодааст.

Дар Паём ба масъалаҳои густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ бо шарикони минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, сохторҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявию қарзӣ татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, ҳарчӣ пурсамар роҳандозӣ намҳамкориҳои минбаъда бо мамлакатҳои хориҷӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим, таҷдиду бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ, ворид намудани технологияҳои ҳозиразамон, ҳалли масъалаҳои вобаста ба соҳаҳои обу энергетика, махсусан, истифодаи манбаъҳои энергияи барқароршаванда ва татбиқи “иқтисодиёти сабз”, фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузориву соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ ва таъмини волоияти қонун таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардидааст.

Дар баробари нуктаҳои қайдгардида дар Паём якчанд масъалаҳои ҷанбаҳои муҳим ва роҳҳои ҳалли онҳо ҳамзамон, вобаста ба нақшаҳои минбаъдаи рушди соҳаҳои иқтисодиёт самтҳои зерин муайян ва қайд карда шудаанд:

- таваҷҷӯҳи хосса ба масъалаҳои тақвияти рушди содирот, тезонидани ҷараёни диверсификатсияи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва андешидани тадбирҳои зарурӣ вобаста ба коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта ва меваю сабзавот, истихроҷи маъдан, коркарди металлу сангҳои қиматбаҳо;

-бо мақсади боз ҳам содда, сабук ва шаффоф гардонидани ҷараёни андозсупорӣ чораҷӯӣ намудан вобаста ба такмили низоми маъмурикунонии андоз;
- мукаммал гардонидани шаклҳои пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва механизми ҷамъоварии маълумот;
- дар мухлатҳои кутоҳтарин таҳия ва амалӣ намудани нақшаи таҷдиду солимгардонии ҷамъиятҳои саҳҳомии “Тоҷиксодиротбонк” ва “Агроинвестбонк”;
-андешидани чораҳои мушаххас дар самти гузаронидани ислоҳоти зарурии пуливу қарзӣ, муътадил нигоҳ доштани қурби пули миллӣ, сатҳи нархҳо, фаъолияти бонкҳо, назорати риояи қонунгузории бонкӣ ва такмили он, паст кардани дараҷаи хавфҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои идораи корпоративӣ;
-пурзӯр кардани назорати татбиқи Стратегияи рушди низоми пардохт ва чораҷӯӣ доир ба насби терминалҳои пардохтӣ ва истифодаи васеи кортҳо;
-бо мақсади таъмини рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ, инчунин, ҷалби бештари сармоя ба ин соҳа, дар ҳаҷми 50 миллион сомонӣ муқаррар кардани ҳадди ақалли сармояи ойинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис, ки ҳоло он 80 миллион сомониро ташкил медиҳад;
-ба роҳ мондани назорати ҷиддӣ дар самти татбиқи босифату шаффоф ва саривақтии лоиҳаҳо;
-эътибори аввалиндараҷа ба масъалаи фароҳам овардани фазои мусоид ва ҷорӣ намудани усулҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар маҳалҳо;
-фаъол гардонидани раванди таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои гуногуни сармоягузорӣ вобаста ба таҳлили хусусиятҳои хоси ҳар як минтақа, захираҳои табиӣ ва инсонӣ, иқлим ва шароити ҷойгиршавии онҳо;
-ҷорӣ намудани усули арзёбии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз рӯи саҳми онҳо дар фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорӣ, ташкили ҷойҳои нави кор ва фаъол гардонидани сармоягузории хусусӣ;
-андешидани чораҳои мушаххас барои ташкили марказҳо ва курсҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву молиявии соҳибкорону тоҷирон, сатҳи касбият ва малакаи онҳо;
-амалӣ намудани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати омӯзиши ҳаматарафаи мушкилоти ҷойдоштаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ, тақвият бахшидан ба фаъолияти онҳо ва ташкили дигар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳудуди мамлакат;
-бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорӣ дар давоми ду соли минбаъда эълон кардани мораторий ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ, ба истисnои санҷишҳои нақшавии мақомоти

андоз, Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Бонки миллӣ;
-дар асоси таҳлили иқтидору имконоти минтақаҳо ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки истеҳсолоти саноатӣ доир ба пайваста афзоиш додани коркарди ашёи хом то дараҷаи маҳсулоти ниҳоӣ ва фаъолона татбиқ намудани барномаҳои соҳавӣ дар ин самт;
-андешидани тадбирҳои иловагӣ барои таъмини коргоҳҳои нассоҷӣ бо ашёи хоми ватанӣ, то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани нахи пахта ва бо ин мақсад мунтазам афзоиш додани истеҳсоли пахта дар мамлакат;
-чораҷӯӣ ҷиҳати гузаронидани таҳлили имкониятҳои афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ бо арзиши баланди иловашуда, ба роҳ мондани истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот ва таҳия намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии содирот ва баланд бардоштани қобилияти рақобат»;
- андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба такмили низоми ташкиливу идоракунии таъминот бо барқ, аз ҷумла таҷдиди сохтори Ширкати «Барқи Тоҷик», баҳисобгирӣ, кам намудани талафоти техникии нерӯи барқ ва баланд бардоштани маърифати аҳолӣ ҷиҳати истифодаи оқилонаи он;
- таҳия ва бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ амалисозии лоиҳаҳои дахлдор оид ба ташкили терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, долонҳои нақлиётӣ ҷиҳати ҷавобгӯ гардонидани хизматрасониҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ;
- амалӣ намудани тағйироти сохтории зарурӣ барои мукаммал гардонидани низоми идораи давлатии санитариву фитосанитарӣ, стандартизатсия, сертификатсия ва назорати байторӣ;
-бо мақсади пешгирии воридоти молу маҳсулоти пастсифат ва ғайристандартӣ аз тарафи мақомоти ваколатдор андешидани чораҳои таъхирнопазир ҷиҳати риояи ҳатмии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»;
-таҳия ва амалӣ намудани Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ;
-озод кардани воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи парандапарварӣ аз ҳамаи андозу пардохтҳо;
-чораҷӯӣ намудани соҳибкорон ҷиҳати таъмини технологияи нигоҳдории маҳсулоти гӯштӣ тибқи меъёрҳои қабулшуда;
- мунтазам чораҷӯӣ намудани сохтору мақомоти марбута ҷиҳати ҳалли масъалаи имкониятҳои мавҷуда дар самти коркард, бандубаст ва содироти онҳо, ки ба таври зарурӣ истифода нашудаанд;
- бо дарназардошти талаботи воқеии аҳолии мамлакат ба маводи озуқа ва дастрасии сокинон ба ғизои хушсифат - таҳия ва татбиқи Барномаи нави давлатии амнияти озуқаворӣ;
-ба роҳ мондани корҳо дар самти таъсиси корхонаҳои муштарак доир ба истеҳсоли техникаи таъиноти кишоварзӣ дар дохили кишвар;
-бо ҷалби соҳибкорони ватаниву хориҷӣ чораҷӯӣ намудан ҷиҳати беҳсозии ҳолати мелиоративии заминҳо, ба роҳ мондани усулҳои

интенсивии истеҳсолоти кишоварзӣ, пурра ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои боир, махсусан, баланд бардоштани маданияти истифодаи замин;
- андешидани тадбирҳо дар самти зиёд намудани майдони боғу токзор ва ба ин васила афзун гардонидани истеҳсоли меваҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва ба содирот нигаронидашуда;
-бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ бунёд намудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, марказҳои логистикӣ ва сардхонаҳо, инчунин, беҳтар намудани корҳои бозорёбӣ (маркетинг);
- қабули қарори дахлдор вобаста ба масъалаи то 10 рӯзи корӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ тамдид намудани муҳлати бақайдгирии шаҳрвандони кишварҳое, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми раводид доранд;
- дар муҳлати ду моҳ ҳаллу фасл намудани масъалаи ба шабакаи ягона пайваст кардани тамоми гузаргоҳҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмил додани низоми идоракунӣ;
-андешидани чораҳои зарурӣ барои инкишофи намудҳои гуногуни сайёҳӣ, таъсиси инфрасохтори зарурӣ, омода намудани маводи иттилоотӣ ва хатсайрҳои нав дар мавзеъҳои гуногуни кишвар, такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳа, инчунин омода ва барои баррасӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани лоиҳаи Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030;
-пурра аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод кардани воридоти ҳавопаймоҳо, локомотивҳо ва вагонҳои замонавии мусофиркаш ва навсозии техникии ширкат;
-таҳия ва амалӣ намудани  барномаи махсуси дастгирии давлатӣ барои баланд бардоштани қобилияти рақобати Ширкати давлатии “Тоҷик Эйр”;
- эълон гардидани соли 2018 дар кишвар, ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ;
- бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод кардани фурӯши чунин молу мавод;
- батадриҷ  идома додани корҳо дар самти такмили низоми идоракунии давлатӣ, инчунин тарҳрезӣ ва амалисозии асосҳои банақшагирии стратегӣ дар сатҳи марказӣ ва маҳаллии идоракунӣ;
-наздиксозии нишондиҳандаҳои таъмини сифат дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ, густариш бахшидани ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо субъектҳои бозори меҳнат ва беҳтар гардонидани дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ;

-вусъат додани раванди ихтироъкорӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот, ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи олимони кишвар;
- сохтори Академияи илмҳо худ таъсис додани Маркази омӯзиши пиряххо, ҷиддӣ ба роҳ мондани мониторинги доимии пиряххо ва дигар сарчашмаҳои обии кишвар;
-идома бахшидани таҳқиқот доир ба гуногунии биологӣ, сарватҳои табииву зеризаминӣ, ҷустуҷӯи геологӣ, корҳои бостоншиносӣ ва омӯзиши таъриху фарҳанги миллати тоҷик;
-вусъат бахшидани корҳои таҳқиқотиву технологӣ ҷиҳати баланд бардоштани қобилияти рақобати илми ватанӣ;
-аз соли 2018 озод кардани воридоти технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ;
-дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватанӣ ва тавассути ҳарҷӣ бештар ҷалб намудани сармояи дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим ҷиддӣ ба роҳ мондани сохтмони корхонаҳои хурду миёна ва азхудкунии заминҳои нав, ҳамчун омили муҳайё кардани ҷойҳои кори нав;
- андешидани тадбирҳои бетаъхир ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои хурду миёна, дар давоми соли 2018-ум 110 ҳазор ҷойи кори доимӣ, бахусус, барои занону ҷавонон;
-таҳлил кардани масъалаи шуғли аъзои ҳар як оилаи кишвар ва таъмин намудани ҷалби онҳо ба соҳаи кишоварзӣ, корҳои хонагӣ, косибӣ, ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, корҳои мавсимӣ ва хизматрасонӣ аз тарафи вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила, рушди сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо;
- ба роҳ мондани касбомӯзии калонсолон ва дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ташкил кардани марказҳои касбомӯзӣ;
- андешидани тадбирҳои қатъӣ ҷиҳати сари вақт ошкор ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба замин, хусусан, ҷиноятҳои коррупсионӣ дар ин
- таҳияи нақшаи чорабиниҳо (мақомоти ҳокимияти давлатӣ) ҷиҳати то ҷашни 30 – солагии истиқлолият сафарбар сохтани ҳамаи имкониятҳо ба оммавигардонии варзиш, ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва рушди варзиш;
- дар маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку деҳот, маҳалҳои аҳолинишину деҳаҳо якҷо бо соҳибкорону тоҷирон ва дигар шахсони саховатпеша дастҷамъона идома додани бунёди боғу гулгаштҳо, марказҳои истироҳату фароғат, майдону толорҳои варзишӣ ва дигар корҳои ободонӣ.

Кормандони Котибот самтҳои дар Паём муайянгардидаро муҳим арзёбӣ намуда, изҳор доштанд, ки дар ҳамкорӣ бо намояндагони бахши хусусӣ, шарикон ва мақомоту идораҳо татбиқ намудани онҳо ба рушди соҳибкорию афзун намудани ҳаҷми сармоягузориҳо, бахши хусусӣ ва дар

ин замина назаррас гардидани саҳми онҳо дар устувор намудани иқтисодиёти миллӣ ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард.

*Хоҳишмандон маълумотро оид ба ин мавзуъ, метавонанд аз Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо телефони 44 610-60-04, ё нишонии электронии secretariat@investmentcouncil.tj, ҳамчунин ба сомонаи Котибот: www.investmentcouncil.tj. дастрас намоянд.*